# ХУЛОСАИ

**комиссяи экспертии шӯрои диссертатсионӣ 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи “Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ**

*5 апрели соли 2024* *ш. Душанбе*

Комиссияи эксперти шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон дар ҳайати: Султонов З.С., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – раиси комиссия; Ҳикматов У.С., доктори илмҳои иқтисодӣ профессор – узви комиссия, Раҳмонов Ҷ.Р. н.и.и., дотсент – узви комиссия мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Носирзода Ҳусейни Саъдулло хулосаи зеринро қабул намуд:

## *I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ*

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Носирзода Ҳусейни Саъдулло ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18 – и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295), мувофиқат мекунад.

Носирзода Ҳусейни Саъдулло, 07-уми июли соли 1991 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Носирзода Ҳусейни Саъдулло соли 2009 пас аз хатми мактаби миёна ба факултети Ҳисобдорӣ ва омори собиқ Донишкадаи молия ва иқтисоди

Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) аз рӯи ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ ва илмӣ дохил шуда, соли 2013 муассисасаи олии номбурдаро хатм кардааст. Соли 2015 бошад магистратураро аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит бо муваффақият хатм намудааст. Аз соли 2017 ба ҳайси унвонҷӯи унвончуи кафедраи назрияи иқтисоди Донигоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон қабул гардидааст.

Пас аз хатми донишгоҳ дар вазифаҳои зерин фаъолият намудааст: соли 2013 то соли 2015 ҳамчун коршиноси қарзии Бонки Эсхата дар ноҳияи Рӯдакӣ, соли 2016 то моҳи сентябри соли 2022 ба ҳайси сармутахассиси Маркази такмили ихтисоси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз моҳи сентябри соли 2022 бошад бо фармоиши ректори донишгоҳ тибқи гузариш ба ҳайси муовини декан оид ба илм дар факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалии ҳамин донишгоҳ корро давом додааст.

Феврали соли 2023 дар асоси фармоиши ректори донишгоҳ тариқи гузариш ба вазифаи мудири бахши "Иттилоот ва танзим" –и Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъин гардида, то ҳол фаъолият дорад.

Ҳамзамон, аз соли 2016 ҳамчун ассистент дар кафедраи Менеҷмент ва соли 2017 то ин ҷониб ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳаҷми 0,5 воҳиди корӣ кор фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсионии Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар ҷаласаи Шурои олимони собиқ Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳозира Донишгоиҳ давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) тахти №8/6.7 аз 27-уми феврали соли 2018 баррасӣ ва тасдиқ гардида, роҳбари илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, Директори Маркази такмили ихтисоси ДМИТ Ҷӯраев Хуррам Гафаровияч таъин гардида, баъдан бо сабабҳои ба миён омадани зарурияти корӣ мавзуи диссертант якҷо бо роҳбари илмии таъин шудааш аз 30.0.1.2020 № 7/5.9 иваз карда шуд.

Роҳбари илмӣ: Умаров Хоҷамуҳаммад – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

## *II. Мутобиқати мавзӯ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ*

Диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф ба даст оварда ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад: 1.1. Рушди муқаррароти назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмилдиҳии шаклҳо ва усулҳои тадқиқи равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонӣ дар низомҳои иқтисодӣ; 1.2. Коркарди методология, ва усулҳои баҳодиҳӣ, таҳлил, қолабсозӣ ва дурнамои равандҳои инноватсионӣ дар низомҳои иқтисодӣ; 1.3. Ташаккулдиҳии муҳити инноватсионӣ ҳамчун шарти муҳимтарини амалӣ намудани инноватсияҳои самаранок. Муайян кардани муносибатҳо, шаклу тарзҳои муҳайё намудани шароити муносиб барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ. Роҳҳои беҳгардонии иқлими инноватсионӣ; 1.4.Тадқиқи равандҳои ҳамгироӣ дар муҳити инноватсионӣ. Консепсияҳои навсозӣ ва шаклҳои татбиққунии амалии онҳо; 1.5. Хусусиятҳои таъсисдиҳӣ ва тадқиқи низомҳои миллии инноватсионӣ: принсипҳои сохт ва рушдёбӣ, сохтор ва функсияҳо, баҳодиҳии самаранокӣ; 1.6. Коркарди усулҳо ва механизмҳои ҳамгироии илми мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди усуслҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ; 1.13. Коркард ва такмилдиҳии шаклҳо, сохтор ва низомҳои институтсионалии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ

ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Баҳодиҳии самаранокии фаъолияти инноватсионӣ.

Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳад гузошт.

### *III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ шудаанд*

Муқаррароту натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 15 мақолаи муаллиф аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба номгӯи маҷаллаву нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

### *IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳои носаҳеҳ*

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ буда, иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводҳои шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

### *V. Комиссия пешниҳод менамояд:*

1. Диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи дар мавзуи Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Раҳматзода Ҳайдар Бобо – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиҷаҳони Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон;

- Бобомуродов Парвиз Уктамович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти Акадамияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассиси пешбар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъин карда шавад;

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад;

6. Руйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор Султонов З.С.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., дотсент Ҳикматов У.С.

н.и.и, донсент Раҳмонов Ҷ.Р.

Дурустии имзои З.С. Султанов-ро тасдиқ менамоям:
Сардори ШК ДСРТ А.А. Раҳимов